УДК: 32 тадж.+399 (НБ)+9 тадж.

ҶАББОРОВ И.Р[1].

# САҲМИ АКАДЕМИК С.А. РАҶАБОВ ДАР РУШДИ ИЛМУ МАОРИФИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола самтҳои асосии фаъолияти илмӣ-тадқиқотии академик С.А.Раҷабов дар асоси маводҳои бойгонӣ ва ахбори омма, инчунин асару мақолоти ба эшон бахшидашуда мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф саҳми академик С.Раҷабовро дар рушди илму маорифи Тоҷикистон бо далелҳои қотеъ нишон додаст, ки ин равиши омӯзиш паҳлуҳои норавшани фаъолияти мусаннифро равшан менамояд.

**Вожаҳои калидӣ:** давлат, илми ҳуқуқшиносӣ, назарияи давлат ва ҳуқуқ, Академияи илмҳо, дӯстии халқҳо, давлати миллӣ, тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ, таърихи Тоҷикистон.

Академик С. А. Раҷабов аз симоҳои таърихие ба шумор меравад, ки дар пешгоҳи илму фарҳанги Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Осиёи Миёна қарор дорад. Дарвоқеъ, С.А. Раҷабов олими бузурги илми ҳуқуқшиносӣ аст. Имрӯз илми ҳуқуқшиносии замони Шӯравиро бе маҳсули илмии ӯ тасаввур кардан душвор аст. Осори илмиаш ба хазинаи тиллоии илм ворид гардида, чун сарчашмаи боэътимод дар иҷрои корҳои таҳқиқотӣ даҳсолаҳои дигар хизмат хоҳад кард. Ҳар қадар мо ба масъалаи мазкур ҷиддитар ворид шавем, нақши С. А. Раҷабовро чун раҳнамо, омӯзгор, рӯзноманигор, ходими сиёсию ҷамъиятӣ дарк намуда, саҳми ӯро чун пешвои илми ҳуқуқшиносӣ дар ҷумҳурӣ ва ҷумҳуриятҳои ҳамсоя эҳсос хоҳем кард. Ҳавас ба корҳои илмӣ ҳанӯз дар солҳои донишҷӯӣ дар омӯзишгоҳи омӯзгории Тошкент ва бо хатми он соли 1930 чун аспирант идома додани таҳсил зуҳур ёфта, ӯ барои худ таҳқиқотро дар соҳаи таърих ва назарияи давлат ва ҳуқуқ интихоб кардааст. Он солҳо С. А. Раҷабов чун олими ҳуқуқшинос ба камол расида, мавзӯи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқро дар меҳвари асосии корҳои татқиқотии худ қарор дода, рисолаи номзадӣ ва чанд корҳои татқиқотиро анҷом додааст. Нахустин мақолааш оид ба дастовардҳои давлати Шӯравӣ дар давоми 15 сол пас аз ғалабаи Инқилоби Октябр бахшида шуда, соли 1932 дар маҷаллаи «Вожатий» нашр шудааст **[25,2-6]**. Бо гузашти вақт ва омӯзиши таҷриба доираи корҳои татқиқотиаш васеъ гардидаанд.

Ҳанӯз соли 1937 бо назардошти муҳиммияти масъала оид ба забонҳои миллӣ бо мақолае бо номи «Оиди хатогиҳо дар тарҷумаи Конститутсияи СССР бо забони ӯзбекӣ» баромад кардааст. Масъалаҳои роҳи ҳаракати халқҳои Осиёи Миёна ба сохти ғайрикапиталистӣ, ташкил ва ташаккули давлати миллӣ, нақши халқи рус дар қисмати халқҳои Осиёи Марказӣ аз корҳои муҳимми татқиқотии ӯ ба шумор мерафт.

Дар солҳои пеш аз ҷанг С. А. Раҷабов чун ҷонишини директор оид ба корҳои илмӣ ва таълим дар Донишкадаи Тошкент кор карда, онро дар пайвастагӣ бо иҷрои корҳои илмӣ идома додааст, ки масъалаҳои бунёди сохти конститутсионӣ, ҷойгиршавии миллии халқҳои Осиёи Миёна аз самтҳои муҳимтарини фаъолияташ буданд. Ҳамчунин ба навиштани рисолаи илмӣ машғул шуда, якчанд мақолаҳоро дар воситаҳои ахбор дарҷ кардааст.

Баъди хизмати ҳарбӣ дар сафи Армияи Сурх (солҳои 1940-1943) бо амри КМ ҲК Ӯзбекистон Солеҳ Ашӯрхоҷаевич Раҷабов директори Донишкадаи ҳуқуқшиносии

1 **Адрес для корреспонденции**: Джабборов Иброхим Рахматович – соискатель Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики г.Худжанда Республики Таджикистан. 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, 18- микрорайон, д. 9. кв.125., тел.: 927731778.

шаҳри Тошканд таъин шуда, корҳои илмӣ-татқиқотиро барои ба охир расонидани мавзӯи рисолаи номзадии худ идома медиҳад. Моҳи майи соли 1945 дар Донишкадаи умумииттифоқии илмҳои ҳуқуқшиносии шаҳри Москва рисолаи номзадии худро дар мавзӯи «Таъсисёбӣ, рушд ва сохти давлатдории ҶШС Ӯзбекистон», бо муваққақият дифоъ намуда, унвони номзади илмҳои ҳуқуқшиносиро соҳиб мегардад.

Ба кори илмии ӯ олимони муаррих ва ҳуқуқшиносони шаҳри Москва ва Осиёи Марказӣ баҳои баланди илмӣ додаанд. Муаммоҳои мубрами дар рисолаи номзадии вай мавриди баррасӣ қарор гирифта, мавзӯи мубоҳисаи илмии замон буд, ки аз аҳаммияти муҳимми илмӣ доштани он шаҳодат медод.

Аз моҳи январи соли 1946 то июни 1949 С.А. Раҷабов докторанти донишкадаи Ҳуқуқи Академияи илмҳои ИҶШС буд. Ӯ таҳти роҳбарии олимони машҳури ҳуқуқшиноси Масква, махсусан мушовири илмияш И.П. Трайнин оид ба муаммоҳои пайдоиш ва ташаккули давлатдории миллии Шӯравӣ, ҳамроҳшавии халқҳои Осиёи Миёна ба миллатҳои сотсиалистӣ татқиқоти илмӣ бурдааст. С.А. Раҷабов дар татқиқоти илмии худ муаммоҳои ҳолати давлатӣ-ҳуқуқии Осиёи Марказӣ то револютсияи Бузурги Октябр, барқароршавии ҳокимияти Шӯравӣ, бунёди Республикаи Советӣ Сотсиалистии Туркистон ва хусусиятҳои давлатӣ-ҳуқуқии он, ташкилёбии Республикаҳои Советӣ Сотсиалистии Бухоро ва Хоразм, хусусиятҳои сохтмони давлати Советӣ ва муттаҳидшавии миллӣ дар Осиёи Миёна, гузаронидани тақсимоти миллӣ-давлатӣ дар Осиёи Марказӣ ташкилёбии ҷумҳуриҳои миллии советӣ дар Осиёи Миёна ва шакли давлатӣ-ҳуқуқии Республикаҳои Советии Осиёи Миёнаро аз мавқеи марксизм-ленинизм таҳлили кушоди сиёсӣ ва ҳуқуқӣ намудааст **[9,391-392].**

24 июни соли 1949 С.А. Раҷабов рисолаи доктириро дар мавзӯи «Ҳамбастагии миллӣ ва рушди давлатдории шӯравии халқҳои Осиёи Миёна» бомуваффақият ҳимоя намуда, соҳиби унвони доктори илми ҳуқуқ гардид.

Рисолаи доктории С.А. Раҷабов аз тарафи ҳуқуқшиносони машҳури советӣ – доктори илми ҳуқуқ, аъзои ҳақиқии Академияи илмҳои Қазоқистон С.В. Юшков, профессор С.Ф. Кечекян, номзади илми ҳуқуқ С.Л. Ронин, номзади илми ҳуқуқ С.А. Покровский, мудири сектори Академияи илмҳои ҶШС Қазоқистон Т.М. Култелеев, номзади илми фалсафа Г.О. Чориев ва дигарон баҳои баланд гирифтааст. Аз ҷумла, С.Л. Ронин қайд мекунад, ки «кори илмии С.А. Раҷабов дар худ татқиқоти монографии бузургро, ки ба яке аз муаммоҳои мубрами таърихи давлат ва ҳуқуқи Шӯравӣ бахшида шудааст», доро мебошад.

С. А. Раҷабов ҳанӯз соли 1969 масъалаҳои таҳқиқотии худро чунин табақабандӣ карда буд:

1. Таъсири таълимоти ленинӣ дар рушди ғайрикапиталистӣ ва нақши синфи коргари рус дар қисмати халқҳои Осиёи Миёна;
2. Нақши таълимоти ленинӣ дар бунёди давлат;
3. Тадқиқи бунёди амалии давлати миллӣ дар ҷумҳурияҳои Шарқи Сурх дар ҳайати ИҶШС;
4. Оиди муҳити давлатҳои сотсиалистӣ ва пролетариати интернатсианалистӣ **[10,1-2].**

Дар ҳақиқат фаъолияти илмию татқиқотии Солеҳ Ашӯрхоҷаевич серсоҳа буда, оид ба якчанд самту масъалаҳо корҳои таҳқиқотиро нашр кардааст, ки онро метавон чунин табақабандӣ кард:

1. Маҷмӯи корҳои бахшида ба ҳамроҳшавии Осиёи Марказӣ ба Русия, нақши Инқилоби Октяб дар тақдири Осиёи Миёна, ки баёнгари сарчашмаи дӯстӣ ва ҳамкории халқи русу халқҳои маҳаллӣ аст, таъсири ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Русияи подшоҳӣ ва Инқилоби Октябр дар ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии ин халқҳо [**21,21-41**]., [**18**].
2. Маҷмӯи корҳои илмӣ оид ба тақсимоти марзию миллӣ дар Осиёи Марказӣ. Дар он роҳҳои бунёди давлати Шӯравӣ, таъсиси таълимоти давлатӣ, такмили сохти

сотсиалистӣ бо нигаҳдории фарҳанги миллӣ ва ғ. мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд [**23,84-114]., [24,57-80]., [20,14-22]**.

3. Маҷмӯи мақолаҳои илмӣ оид ба бунёди давлати миллӣ дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон ва Ӯзбекистон. Дар ин корҳо ҷараёни бунёди дастгоҳ ва давлати Шӯравӣ ва давлати ҳуқуқӣ дар Осиёи Миёна, аз ҷумла ба таомулҳои махсуси миллӣ, одат ва урфиятҳои он аҳаммияти махсус дода шуда, таъсисёбии Ҷумҳурии Мухтори Туркистон, хусусияти миллии халқҳо ва бозгӯии мундариҷаи тарҳи ҷумҳуриҳои халқӣ дар Бухоро ва Хоразм ба назар мерасад [**11]., [12,12-21]**.

4. Маҷмӯи мақолаҳои илмие, ки ба масъалаҳои соҳибистиқлолии халқҳои шӯравӣ ва ҷумҳуриҳои бародар, комилҳуқуқӣ ва рушди ҳуқуқҳои ин ҷумҳуриҳо бахшида шудаанд.

5. Маҷмӯи мақолаҳо, ки ба масъалаҳои муносибатҳои байналмиллалии халқҳои ИҶШС бахшида шуда, дар онҳо дӯстии халқҳо кӯмаки бародаронаи ҷумҳуриҳо ба халқҳои Осиёи Миёна тасвир ёфта, ба ақидаҳои ҷомеашиносони бурунмарзӣ ҷавоби асоснок гуфтааст **[13]., [14,42-46]**.

6. Маҷмӯи мақолаҳое, ки дар онҳо нақши асосгузори давлати сотсиалистӣ дар ҷаҳон - В. И. Ленин дар бунёди давлати нав нишон дода шудаанд [**15,41-60]., [16]., [17,10-18]**.

7. Маҷмӯи мақолаҳо бахшида ба назарияи давлат ва ҳуқуқ, коммунизми илмӣ ва таърихи халқи тоҷик [**19]., , [4]., [22]**.

Ба ҷуз ин асарҳо С. А. Раҷабов оид ба масъалаҳои таърихи ҳаракати иттифоқҳои касаба, рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва дигар масъалаҳои ҷамъиятӣ корҳои назарраси илмиро анҷом додаст.

Воқеаи муҳим дар ҳаёти илми ҳуқуқшиносии тоҷик дар соли 1957 чоп шудани китоби С. А. Раҷабов бо номи «ҶШС Тоҷикистон - давлати соҳибхтиёри шӯравӣ» ба шумор мерафт**, [6,139-141]**. Дар ин асар муаллиф ба умдатарин масъалаҳои замон, Ғалабаи Инқилоби Октябр ва сохтмони Давлати Шӯравӣ дар Тоҷикистон, сиёсати илмӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, тақсимоти ҳудудии Осиёи Марказӣ, ташкили Тоҷикистони Мухтор ва баъдан таҷдид ёфтани он ба ҶШС Тоҷикистон аҳаммият дода, онро аз нигоҳи илмӣ баррасӣ намудааст, ки ба корҳои минбаъдаи татқиқотӣ чун сарчашмаи боэътимод хизмат кардааст.

Яке аз корҳои муҳимми илмии Солеҳ Ашӯрхоҷаевич ин асари ӯ бо номи «Масъалаҳои пайдоиш ва рушди давлат дар Тоҷикистон» мебошад, ки соли 1957 чоп шудааст. Асар аз масъалаҳои мубоҳисавии таърихи давлати Сотсиалистии тоҷикон ба рушди ҷумҳуриҳо дар ҳайъати ИҶШС иборат буда, аз нигоҳи муаллиф моҳияти бунёди давлат ва пас аз таъсиси Тоҷикистони худмухтор ба Тоҷикистони мустақил ва тақсимоти марзии Осиёи Марказӣ чун масъалаҳои калидӣ таҳқиқ шудаанд.

Соли 1957 барои хизматҳои шоиста дар рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва тарбияи кадрҳои илмӣ С. А. Раҷабов аъзои комилҳуқуқи Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон гардид [**1,2]**.

Соли 1959 С. А. Раҷабов китоберо бо номи «Аҳаммияти прогрессивии ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна ба Русия» интишор намуд. Чун масъалаи ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Русия муддати зиёд масъалаи баҳсомез ба шумор рафта дар байни зиёиён мавриди мубоҳиса қарордошт, Солеҳ Ашӯрхоҷаевич бо мисолҳои амиқ аҳаммияти прогрессивии онро рӯи қоғаз овард. Дар асар хусусиятҳои манфури сиёсати шоҳигарӣ дар Осиёи Миёна ва ҳамроҳшавии он чун омили рушди минбаъда маънидод шудааст. Муаллиф аз нигоҳи воқеӣ аҳаммияти ҳамроҳшавии Осиёи Миёнаро бо Русия ва фарқияти онро аз ҳамроҳшавии Ҳиндустон ба Англия мавриди таҳлил қарор медиҳад. Чунон, ки академик Ф. Тоҳиров қайд мекунад: «Ҳамроҳшавии Осиёи Миёнаро ба Русия С. А. Раҷабов чун таҳаввулоти куллӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии халқҳои Осиёи Миёна медонад. Воқеан, дар муқоиса бо муносибатҳои фалаҷгаштаи феодалӣ дар маҳалҳо он воқеият ва маънои дигареро надошт».

Аз муҳимтарин корҳои анҷомдодаи С. А. Раҷабов бахшида ба таҳлили сохти давлати сотсиалистӣ ин асари ӯ бо номи «Тараққиёти минбаъдаи давлати халқии шӯравӣ, шукуфоии демократияи сотсиалистӣ дар марҳилаи бунёди коммунизм» ба ҳисоб меравад, ки соли 1962 нашр шудааст. Дар асар муаллиф ақидаҳои В. И. Ленинро мутаалиқ ба федератсияи сотсиалистӣ иқтибос оварда, моҳияти омӯзиши онро таъкид менамояд. Ӯ ҳамчунин ташаккули таърихии намудҳои мухталифи давлати халқиро дар ИҶШС мавриди баррасӣ қарор дода, алоқаҳои федеративии ҷумҳуриҳои иттифоқ, муносибати соҳибистиқлолии ИҶШС ва ҷумҳуриҳоро дар асоси принсипҳои давлати демократӣ, муносибатҳои байналхалқӣ ва нақши он дар ҳаёти минбаъда маънидод кардааст.

Соли 1969 С.А. Раҷабов дар ҳаммуаллифӣ бо Л.С. Явич барои донишҷӯён дастури таълимиро бо номи «Назарияи давлат ва ҳуқуқ» интишор кард. Дар китоби мазкур аз нигоҳи марксистӣ дар мақоми баланди илмӣ масъалаҳои муҳимми назарияи давлат ва ҳуқуқ таҳлил шудаанд. Муаллифон донишҷӯёнро бо масоили дахлдор ошно намуда, барои коркарди мавзӯҳои муҳимми назарияи давлат ва ҳуқуқ пояи эътимодбахш эҳё кардаанд.

С.А. Раҷабов ҳанӯз дар корҳои илмию таткиқотие, ки солҳои муқими шаҳри Тошканд будан анҷом додааст ба масъалаҳои миллию ҳудудии халқҳои Осиёи Миёна эътибори ҷиддӣ зоҳир менамояд. Дар ин радиф чунин корҳои таткиқотии ӯро метавон зикр намуд: «Тақсимоти милию давлатӣ дар Осиёи Миёна ва аҳаммияти он барои таъсиси ҶШС Тоҷикистон» (соли 1954), «Тақсимоти миллию давлатии Осиёи Миёна дар солҳои 1920-1926» (соли 1955), «Аҳаммияти таърихии тақсимоти миллию давлатӣ дар Осиёи Миёна» (соли 1974) ва ғайра.

Дар асарҳои мазкур аз нигоҳи илмӣ масъалаи мазкур баррасӣ гардида миллатчигии сохти буржуазӣ, пантуркистон, ки мухолифи иҷрои ин амал ва принсипҳои ленинӣ оид ба худмуайянкунии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна буданд, мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Бо тақозои замон С. А. Раҷабов ва муҳақиқони дигар наметавонистанд ҷиҳати ноадолатиҳо аз ҷумла дар масъалаи нисбати тоҷикон зоҳир шудани иштибоҳҳои сиёсӣ дар тақсимоти ҳудудӣ нуктаи назари худро ифроз намоянд. Ноадолатии таърих ба тоҷикон даст надодааст, ки дар бунёди давлати миллӣ аз ҳуқуқҳои худ комилан истифода баранд. Ин масъала дар замони бозсозӣ дар таърихи илми ватанӣ инъикоси худро пайдо мекунад **[7]., [8].**

Академик С.А. Раҷабов дар пешбурди дониши сиёсӣ низ саҳмгузор аст. Вай ноиби президенти Асотсиатсияи Умумииттифоқии илми сиёсатшиносӣ ва раиси шуъбаи тоҷикистонии он ба шумор мерафт. Моҳи майи соли 1962 КМ ҲКИШ ва Шӯрои Вазирони ИҶШС қарордодеро бо номи «Тадбирҳо ҷиҳати беҳбудии тарбия ва интихоби кадрҳои илмӣ» қабул кард. Барои иҷрои ин қарор КМ ҲК ва ҳукумат Академияи илмҳои ИҶШС, Вазорати маориф, Институти марксизм-ленинизми назди КМ ҲКИШ ва Академияи илмҳои ҷамъиятии КМ ҲКИШ-ро вазифадор намуд, ки дар давоми сол бо иштироки роҳбарони муассисаҳои илмии соҳаи таърих ҷаласаеро баргузор намуда, масъалаи беҳбудии тарбияи кадрҳои илмию омӯзгориро дар илми таърих мавриди омӯзиш қарор диҳанд. Маҷлиси мазкур санаҳои 18-21-уми декабри соли 1962 дар шаҳри Москва баргузор гардид, ки дар кори он С.А. Раҷабов ширкат дошт **[3,3].**

Академик С. А. Раҷабов чун намояндаи илми тоҷик дар сексияи таърихи ИҶШС баромад намуда, оид ба вазъи рӯз ва фаъолияти минбаъда маълумот медиҳад. Ӯ ҳамчунин дар чанд конфронсҳои дигар ширкат варзидааст. Соли 1957 дар шаҳри Алма-Ато ширкат ва маърӯза намуда рушди давлати тоҷиконро дар конфронси мазкур аз ду ҷиҳат баррасӣ намудааст.

Соли 1959 дар Конгресси байналхалқии Ассотсиатсияи илмҳои сиёсатшиносӣ, ки бо ташаббуси ЮНЕСКО дар Париж баргузор гардид, иштирок ва маърӯза кардааст. Дар ҳама чорабиниҳо ва вохӯрӣ бо шаҳрвандони хориҷӣ С.А. Раҷабов худро чун тарғибгари ғояҳои давлатӣ муаррифӣ намуда, суҳбатҳои илмӣ доир намудааст. Ӯ кӯшидааст аз нигоҳи илмӣ мавқеи марксистӣ-лениниро оид ба

масъалаҳои рушди давлати сотсиалистӣ асоснок намояд. Чунончи дар чорумин Конгресси байналхалқии илмҳои сиёсатшитносӣ, ки соли 1961 дар Париж баргузор гардид, дар мавзӯи «Тараққиёти давлати миллии Шӯравӣ ва рушди муносибатҳои миллӣ дар ИҶШС» суханронӣ намуд, ки аз ҷониби ҳуқуқшиносони Ғарб хуб баҳогузорӣ шуд [**5**]. Дар Конгресҳои баёналхалқии X, XI, XIII-и Ассотсиатсияи илмҳои сиёсатшиносӣ, ки дар Эденбург (1976), Москва (1979), Париж (1985) баргузор гардид, фаъолона иштирок кардааст. Дар Симпозиуми байнидавлатии ИҶШС ва Франсия дар шаҳри Монако ва Конгресси Умумиафриқоии ҷонибдорони сулҳ дар шаҳри Работ - пойтахти Марокаш ширкат намуда, бо маърӯзаҳои илмӣ оид ба рушди ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна бо меҳнаткашон мулоқоти судманд доир намудааст.

Академик С. А. Раҷабов дар Сессияи илмии Умумииттифоқӣ, ки аз 15 то 17 майи соли 1968 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид оид ба масъалаҳои муҳимми таърихи бунёди Давлати Шӯравӣ суханронӣ намуда, бори дигар собит кард, ки ӯ аз донандагони беҳтарини илми соҳа аст. Дар кори сессияи мазкур муаррихон, ҳуқуқшиносон, файласуфон, ҷомеашиносон ва иқтисодчиёни Ҷумҳуриҳои бародар ва худмухтор ҳамчунин намояндагони КМ ҲКИШ ва КМ ҲК Тоҷикистон ширкат доштанд.

С. А. Раҷабов дар мавзӯи «Марҳилаҳои асосии тарақиёти миллии халқҳои Осиёи Миёна дар замони бунёди сотсиализм ва коммунизм» баромад кард. Ба ақидаи ӯ муҳиммияти бунёди давлати миллӣ бо хусусиятҳои миллӣ пайвастагӣ дорад. Вай тавсия медиҳад, ки ҷумҳуриҳои шӯравӣ ҳоло ҳам шакли таҷассуми манфиатҳои миллат ва халқҳо буда, ин сохт асоси ҳастии халқҳо ба шумор меравад. Дар маърӯза муносибатҳои байни миллатҳо, ҳамкорӣ ва ҷараёни наздикшавии онҳо махсус қайд гардид. Дар муҳокимаи ин мавзӯъ иштирокчиёни сессия ба хулосае омаданд, ки шукуфоӣ ва наздикшавии ҷумҳуриҳои Шӯравӣ сарчашмаи пойдории давлат ва тараққиёти он ба ҳисоб меравад.

Соли 1971 дар ҳайати намояндагии Шӯравӣ дар шаҳри Нитс дар назди донишҷӯёни факултаи ҳуқуқшиносӣ маърӯза кард. Моҳи майи соли 1975 дар шаҳри Душанбе Шӯрои сайёри Академияи улуми ИҶШС баргузор гардид, ки дар кори он олимон аз сексияи илмҳои ҷамъиятӣ ва академияи илмҳои назди КМ ҲКИШ иштирок доштанд. Дар ин маҷлис низ С. А. Раҷабов фаъолона ширкат варзид.

Соли 1976 дар маҷаллаи Асотсиатсияи илмҳои сиёсии Шӯравӣ «Время, пространство и политика» мақолаи С. А. Раҷабов бо забонҳои англисӣ, франсузӣ ва немисӣ бо номи «Географические факторы и некоторые проблемми Федерации» интишор шуд. Соли 1978 бошад дар маҷаллаи Илмҳои сиёсатшиносии ЮНЕСКО дар шаҳри Париж (№30, №1) мақолаи устод бо номи «Региональные факторы и некоротые проблемы федерализма в СССР» бо забонҳои англисӣ, франсузӣ ва русӣ чоп шуд.

Фаъолияти илмӣ, иштирок дар конгрессу маҷлисҳои байналхалқӣ, нашри мақолаву тадқиқотҳои илмӣ ва суханрониҳои С. А. Раҷабов аз он шаҳодат медиҳад, ки ӯ донандаи хуби илми сиёсату ҳуқуқшиносӣ будааст. Асарҳо, мақолаву гузориш, дастурҳои методию суҳбатҳои академик С. А. Раҷабов барои хонандаи имрӯз низ амсоли қомусест, ки моро аз гузаштаи на чандон дури давлатдорӣ, вазъи илму таҳқиқот ва доираи он ошно намуда, пешорӯи мо вазифаҳоеро мегузорад, ки дар рушди илми тоҷик, хусусан илми ҳуқуқшиносӣ, омӯзиш ва иҷрои он аз аҳаммият холӣ нест.

Асарҳои илмии С.А. Раҷабов аз ҷониби машҳуртарин зиёиёни Шӯравӣ хуб баҳогузорӣ шуда, доираи васеи хонандагонро ба худ ҷалб кардааст. Дар умри босамари худ С. А. Раҷабов бештар аз панҷсад таҳқиқотҳои илмиро анҷом додааст, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ, франсузӣ, немисӣ, арабӣ ва ӯзбекӣ чоп шудаанд.

Самти дигари фаъолияти кори С. А. Раҷабов ин тарбияи муттахасисони илмӣ ва илмӣ-омӯзгорӣ ба шумор меравад. Бо роҳнамоии ӯ бештар аз 40 унвонҷӯ рисолаҳои номзадӣ ва докториро дифо кардаанд.

С.А. Раҷабов барои хизматҳои шоёнаш дар рушди илмӣ тоҷик ба мукофотҳои давлатӣ мушарраф гардидааст. Соли 1961 ба гирифтани унвони ифтихории Корманди шоистаи илми ҶШС Тоҷикистон, соли 1960 Аълочии маорифи халқи ИҶШС, солҳои 1962, 1967, 1976 бо Ифтихорномаи Президиуми Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон ва соли 1970 ба Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯалӣ ибни Сино мукофотонида шудааст.

Бо эътимод метавон гуфт, ки С.А. Раҷабов дар рушди илми ҳуқуқшиносии кишвар саҳми ниҳоят калон дорад. Вай яке аз олимони маъмули миқёси умумииттифоқӣ буда, дар пешбурди илми ҳуқуқшиносӣ – давлатшиносӣ, назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ саҳм гузошта, асосгузори омӯзиши илмҳои ҳуқуқшиносӣ дар Тоҷикистон ба шумор меравад.

Бояд тазаккур дод, ки таҳқиқотҳои илмии С.А. Раҷабов дар пешбурди илми ҳуқуқшиносии ҷумҳурӣ ва давлати Шӯравӣ саҳми бориз гузоштааст. Фаъолияти таҳқиқотии С. А. Раҷабов ҷустуҷӯҳои илмӣ, таҳқиқотҳои амиқ ва самараи хубро доро буда, дар онҳо мавқеи шаҳрванд, дӯстдории Ватан амиқ ифода ёфтаанд.

С. А. Раҷабов ташкилкунандаи факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи Тошкент, якчанд факулта ва кафедраҳои Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, роҳбари чандин корҳои илмӣ ва аъзои Шӯрои ҳимояи рисолаҳо дар шаҳрҳои Тошкент, Москва ва Душанбе ба ҳисоб меравад.

Хуллас, зиндагиномаи Солеҳ Ашӯрхоҷаевич Раҷабов барои ҷавонон дар роҳи хизмат ба халқи худ, шукуфоии давлати тоҷикон, рушди илм, пойдории сулҳ ва дӯстӣ мактаби бузурги омӯзиши таҷриба ва ибрат аст.

**Адабиёт**


1. Архив Академии наук Таджикистана. - Ф. 1, - Оп. 2а, - Ед. хр. 57;

2. Богоутдинов А.М., Гимпелевич Р.С. Краткий очерк научной, педагогической и общественно-политической деятельности академика АН Таджикской ССР профессора С.А. Раджабова //Соли Ашурходжаевич Раджабов. Материалы к биобиблиографии учёных Таджикистана. Вып.2. –Душанбе, 1962. – С. 16 -17.

3. Всесоюзное совещания историков. / Вопросы истории. - февраль 1963. - №2. - С.3.

4. Денисов А.И., Раджабов С.А.Теория Советского государства. – Душанбе: Дониш, 1978.-330 с.;

5. Иброхимов М. Плоды дружбы и сотрудничества.-Душанбе: Ирфон, 1987.- С.175.

6. Коток В.Ф., С. Раджабов. Таджикская ССР – суверенное советское государство.// Советское государство и право. – 1959.-№ 2. – С.139-141.

7. Масова Р.М. История топорного разделения. –Душанбе: Ирфон, 1991.-192 с.;

8. Масов Р.М. Таджики: история с грифом «Совершенно секретно». –Душанбе: Пайванд, 1995.-200 с.

9. Национальная консолидация и развитие Советской государственности народов Средней Азии // Известия Академии наук СССР. Отд. экономики и права.- 1949.- сентябрь-октябрь.- № 5.- С.391-392.

10. Раджабов С.А. Аннотация моих научных трудов. – Душанбе, 1969. –С.1-2.

11.Раджабов С.А. Вопросы возникновения и развития таджикской советской государственности.-Сталинабад, 1957. -27 с.;

12. Раджабов С.А. Возникновение и развитие советской государственности таджикского народа // Известия АН ТаджССР. Отд-ние обществ. наук. -1974. -№ 3. с. 12-21;

13. Раджабов С.А. В интернациональной семье советских республик. –Душанбе: Ирфон, 1974. -296 с.;

14. Раджабов С.А. В братской семье народов СССР (навстречу 50-летию образования ГБАО) / в соавторстве с Н. Бабаджановым // Агитатор Таджикистана. -1975. -№12.- С. 42 -46

15. Раджабов С.А. В.И. Ленин – великий корифей науки // Вопосы государства и права в трудах В.И. Ленина.-Душанбе, 1968. –С. 41-60;

16. Раджабов С.А. В.И. Ленин и советская национальная государственность. –Душанбе: Ирфон, 1970 -688 с.;

17. Раджабов С.А. В.И. Ленин-организатор Союза ССР (в соавторстве с Л.Ф. Серебренниковым) //Известия АН ТаджССР. Отд. обществ. наук. -1972. -№ 4. – С. 10-18 и др.

18. Раджабов С.А. Дружба навеки. –М.: Знание,1960. -32 с.

19. Раджабов С.А., Явич Л.С. Конституция СССР. Учебник для средных школ Таджикистана. – Сталинабад, 1959. -170 с.;

20. Раджабов С.А. Историческое значение национально-государственного размежевания Средней Азии // Советское государство и право. -1974.-№10.-С.14-22 и др.

21. Раджабов С.А. К вопросу о значении присоединения Средней Азии к России (в соавторстве с И.С. Брагинским и В.А. Ромодиным) // Вопросы истории. -1953. -№ 8.-С. 21-40;

22. Раджабов С.А. Ленинизм – революционное знамя нашей эпохи. –Душанбе, 1980. -38 с.;

23. Раджабов С.А. Национально-государственное размежевание в Средней Азии и его значение для образования Таджикской Советской Социалистической Республики // Материалы к истории таджикского народа в советский период (Сб. статей). Сталинабад, 1954. –С. 84-114;

24. Раджабов С.А. Национально-государственное размежевание Средней Азии (1920-1926) // Учёные записки Ташкентского юридического института.- 1955. –Вып.1.- С. 57-80;

25. Раджабов С.А. Октябрь инқилобининг 15 йиллигида социализм мамлакати // Вожатый.- 1932. -№ 11.- Б. 2-6.

**ДЖАББОРОВ И.Р.,**

## ВКЛАД АКАДЕМИКА С.А. РАДЖАБОВА В РАЗВИТИИ НАУКИ И ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА

В статье изложены и проанализированы основные направления научно-исследовательской деятельности академика С.А. Раджабова. Автор на основе многочисленных архивных источников, материалов периодической печати, научной литературы и трудов самого ученого отмечает его весомый вклад в деле развития гуманитарного образования и науки Таджикистана.

**Ключевые слова:** государство, юриспруденция, образование, Академия наук, дружба народов, национальное государство, национально - территориальное размежевание, история Таджикистана.

**JABBOROV I.R.**

## THE CONTRIBUTION OFACADEMICIAN S.A. RAJABOV IN DEVELOPMENT OF SCIENCE AND EDUCATION IN TAJIKISTAN

The article describes and analyzes the main areas of research activities of academician S.A. Rajabov. On the basis of numerous archival sources, periodical materials, scientific literature and the works of the scholar himself, the author notes his significant contribution to the development of liberal education and science of Tajikistan.

**Keywords:** state, law, education, the Academy of Sciences, friendship of peoples, the nation-state, national - territorial delimitation, the history of Tajikistan.